# ФАРМОНИ
# ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар бораи "Соли маърифати ҳуқуқӣ" эълон намудани соли 2024

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

фармон медиҳам:

1.Соли 2024 "Соли маърифати ҳуқуқӣ" эълон карда шавад.

2.Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои фармони мазкур дар мӯҳлати як моҳ нақшаи чорабиниҳоро таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод намояд.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе,
аз 30 декабри соли 2023, № 668

Рамзи «Соли маърифати ҳуқуқӣ – 2024»

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2023 таҳти 668, соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон шудааст, ва бо фармоиши вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 апрели соли 2024, №50 рамзи «Соли маърифати ҳуқуқӣ – 2024» тасдиқ карда шудааст.

Тавсифи рамзи
«Соли маърифати ҳуқуқӣ – 2024»

Рамзи мазкур намуди доирашакл дошта, гирдогирди рамзро хати доирашакли сабз фаро гирифтааст, ки нишонаи сарсабзию шукуфоӣ, сарбаландиву хуррамӣ ва абадият мебошад.

Дар гирди қисми болои рамз бо забони тоҷикӣ «Соли маърифати ҳуқуқӣ», ки ифодагари моҳияти рамз мебошад, навишта шуда, дар қисми поёни он рамзи шараф – шохи баргдори дарахти лавр бо тасмаи серахаи печида, ки ифодакунандаи рангҳои Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ҷой гирифтааст.

Дар маркази доира ҷузъиёти асосии рамз – китоби кушода, офтоби оламоро ва тоҷдасти шоҳӣ ҷой дода шудааст. Китоби кушода таҷассумкунандаи манбаи дониш, Конститутсия ва қонун, таълиму тарбия ва хирад, офтоби оламоро – рамзи нур, гармӣ, шифо, саховатмандӣ ва тоҷдасти шоҳӣ бо тасвири нимдавраи офтобӣ ва ҳафт ситора ҳамчун рамзи ваҳдати миллӣ, иқтидори давлат ва роҳнамою равшанидиҳанда мебошад. Дар қисми поёни маркази доира рақами «2024» нишон дода шудааст.

БАХШИДА БА «СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ»
ЭЪЛОН НАМУДАНИ СОЛИ 2024

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст:
Моддаи 5:
Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд.
Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд.
Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд
Моддаи 14:
Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд
Моддаи 17:
Ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад.
Мардон ва занон баробарҳуқуқанд

Аз паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ
– Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон
«Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ
ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28.12.2023:

Дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар масъалаи ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши калидӣ дорад

Масъалаи дигари муҳим, ки дар низоми ҳуқуқии кишвар нақши калидӣ дорад, таъмини волоияти қонун буда, он меҳвари фаъолияти мақомоти ҳокимияти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад

Таъмин намудани дастрасӣ ба адолати судӣ ва иттилоот оид ба фаъолияти судҳо, муҳокимаи ошкоро ва одилонаи судӣ ба таҳкими қонуният, пешгирӣ кардани содиршавии ҷиноят, эҳтиром ба қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат менамояд

Аз Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони
Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030:

Баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тољикистон маҳсуб ёфта, тавассути фаъолияти мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо, шаҳрвандон ва ҷалби воситаҳои ахбори омма амалӣ мегардад

Таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати ҳуқуқии давлат буда, дар робита бо тарбияи сиёсӣ, ахлоқӣ, меҳнатӣ, эстетикӣ ва намудҳои дигари тарбияи инсон бояд анҷом дода шавад

Аз суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ
– Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон
дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони
дини мамлакат (09.03.2024):

Мақсад аз қабули қарор` дар бораи соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидан ин баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, тарғиби арзишҳои демократӣ, мустаҳкам намудани ҳимояи ҳуқуқи инсон мебошад

Тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи эҳтиром нисбат ба қонун ва таъмин намудани волоияти он, ба роҳ мондани усули ҳамкории самараноки давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон аз ҷумлаи ҳадафҳои аслии «Соли маърифати ҳуқуқӣ» мебошад

Аз Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон
барои солҳои 2018-2028:

Баланд бардоштани сатҳи маърифат ва шуури ҳуқуқии аҳолӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз самтҳои муҳими сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мешавад

**Бахшида ба 30 — солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2024 дар мамлакат «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардид.**

Тавре Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз намуданд, «Конститутсия барои аз байн бурдани хатаре, ки ба Истиқлолияти давлатӣ таҳдид менамуд, шароити зарурии ҳуқуқӣ муҳайё намуда, барои аз нобудӣ наҷот додани давлати тозаистиқлоли тоҷикон ва аз парокандагӣ раҳоӣ бахшидани миллати тоҷик асос гузошт. Конститутсия нишонаи нахустин ва муҳимтарини соҳибистиқлолии давлат буда, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ва кишварҳои дигар эътироф гардидани соҳибихтиёрии он аз ҳамин ҳуҷҷати тақдирсоз сарчашма мегирад. Конститутсия ҳамчун бахтномаи миллат ва санади бунёдии сиёсӣ роҳи минбаъдаи пешрафту тараққиёти давлати озоду демократии моро муайян менамояд».

Аҳамияти таърихию сиёсии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши он дар бунёди давлати миллӣ аз инҳо иборат мебошад:

Якум. Бо қабули Конститутсия ба шакли қабул ва даровардани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия дар маҷлисҳои Парлумон аз ҷониби (вакилон), ки дар амалияи давлатдории замони собиқ мавҷуд буд, хотима гузошта шуд. Яъне ба нақш ва мавқеи шаҳрванд – дар маҷмуъ халқ ва ҷомеаи Тоҷикистон ҳамчун унсури марказии сиёсиву иҷтимоӣ дар идоракунии давлат ва сарчашмаи ҳокимияи давлатӣ будани онҳо эътибори конститутсионӣ дода шуда, сатҳ ва дараҷаи маърифати сиёсӣ ва ҳуқуқии давлати мо боло бардошта шуд. Раъйпурсии умумихалқӣ унсури марказии иштироки васеи омма дар идоракунии давлатӣ гардид. Ин дигаргунии азими конститутсионӣ-ҳуқуқии ҷомеаи мо гардид, ки бо ҳамин тақдиру сарнавишти халқи Тоҷикистон аз иродаи худи халқ вобастагӣ пайдо намуд.

Дуюм. Конститутсияи мо ба тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шуда, ба масъалаи принсипиалӣ ва фундаменталии давлат – хусусияти давлати Тоҷикистон нуқта гузошт. Тоҷикистон давлати соҳибистиқлол, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ эълон шуда, бо ҳамин бо иродаи халқи Тоҷикистон ҳама гуна дигар хусусияти давлат, аз ҷумла давлати исломӣ, ки яке аз сабабҳои асосии сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон гардида буд, инкор карда шуд.

Сеюм. Қабули Конститутсия Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун бузургутарини зуҳуроти сиёсиву иҷтимоӣ, фарҳангию ҳуқуқӣ ҳукми конститутсионӣ бахшид. Мазмуну мундариҷа ва муҳтавои санадҳои инъикоскунандаи раванди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, аз ҷумла Эъломияи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 августи соли 1990, Изҳорот дар бораи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 сентябри соли 1991, қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 сентябри соли 1991 «Дар бораи эълон шудани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 сенябри соли 1991 «Дар хусуси дохил кардани тағйироту иловаҳо ба Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пурра дар Конститутсия дарҷ гардиданд.

Чорум. Тавассути ин ҳуҷҷат ҷомеаи ҷаҳонӣ ба хусусияти давлати мо ҳамчун давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ, таъриху фарҳанг ва забони миллӣ, сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, муносибат ба инсон ва шаҳрванд ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои он, мавқеи халқ дар низоми ҳокимияти давлатӣ, муносибати давлат ба моликият, тартиби таъсиси мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла ҳокимияти судӣ, мақомоти маҳаллӣ ва худидоракунӣ шиносоӣ пайдо намуд. Ба ибораи дигар, Конститутсия шиносномаи давлат ва халқи Тоҷикистон гардид. Тоҷикистон узви Созмони Милали Муттаҳид гардид. Аз ҷониби 192 давлати дунё ҳамчун давлати соҳибистиқлол эътироф шуда, бо зиёда аз 183 мамлакати ҷаҳон равобити дипломатӣ барқарор намуд. Бо зиёда аз 100 давлат муносибатҳои савдову тиҷоратӣ амалӣ намуда, дар 57 созмони минтақавию байналмилалӣ узвият дорад.

Панҷум. Қабули Конститутсия барои ҳокимияти сиёсӣ, ки дар иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сари қудрат омада буд, аҳамияти таърихӣ дошта, ба он нерую илҳоми тоза бахшид. Онро ба татбиқи сиёсати пешгирифта: хомӯш кардани ҷанги шаҳрвандӣ дар қаламрави давлат, ба ватан ва ҷои зист баргардонидани муҳоҷирони иҷборӣ, таъмини амнияти шаҳрвандон ва таъсиси мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ғайра, ки дар ин иҷлосия пеш гирифта буд, раҳнамун сохт. Кулли мардуми Тоҷикистон ба қабули Конститутсия овоз дода, амалан пуштибонии худро аз иқдоми Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон изҳор намуданд.

Шашум. Қабули Конститутсия нахустин чорабинии муҳими сиёсии мамлакат буда, барои ҳокимияти сиёсии таҳти роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон фаъолиятдошта санҷиши бузург ба шумор мерафт. Қабули он, ки дар шароити басе мураккаби авзои сиёсии иҷтимоӣ доир гардид, аз қобилияти баланди ташкилию роҳбарӣ ва давлатдории Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ

Раҳмон ва Ҳукумати ӯ шаҳодат медод. Дар дили одамон шуълаи умед ва боварӣ ба ояндаи дурахшони халқу миллат ва давлат пайдо шуда, халқ дар атрофи Роҳбари давлат муттаҳид гардида, сиёсати созанда ва бунёдкоронаи ӯро ҳамаҷониба дастгирӣ намуданд. Натиҷаи чунин дастгирӣ ва муттаҳидӣ дар атрофи Роҳбари давлат – ободиву шукуфоии мамлакатамон ва эътибори байналмилалии он мебошад.

Ҳафтум. Қабули Конститутсия башорати ба майдони сиёсӣ ва сиёсати ҷаҳонӣ воридшавии шахсият ва чеҳраи нави таърихӣ бо фаҳмишу дарки баланди арзишҳои миллӣ ва арзишҳои байналмилалӣ мебошад. Ин бори дигар исботи илмии нақш ва мавқеи шахсият дар таърих, пешниҳоди барномаи мукаммали созанда ва бунёдкорона, ташаккули элитаи нави сиёсӣ ва миллӣ, аз қафои худ бурдани омма ва дигаргуниҳои сифатии ҷомеаи алоҳида мебошад. Ин ба Пешвои миллат дар пешбурди фаъолияти давлатдорӣ, бунёди давлати нави миллӣ ва саҳмашон дар ҳалли умдатарин проблемаҳои ҷаҳони имрӯза муваффақияти зиёд зам намуд.

Ҳаштум. Қабули нахустин Конститутсияи Тоҷикистон ба ҳама андешаҳои пучу бофташудаи душманони миллати тоҷик, ки давлатдорӣ ва қобилияти ташкилии тоҷиконро нисбат ба бунёди давлати миллӣ, ҳатто ҳамчун миллат ташаккул наёфтани халқи тоҷикро зери суол мегузоштанд, хотима гузошт. Қабули Конститутсия новобаста аз вазъи душвори таърихӣ ягонагӣ ва хиради азалии халқи Тоҷикистонро баръало собит намуда, ҳама ҳарзагӯиҳои душманони дохиливу хориҷии миллати тоҷикро ботил баровард.

Нуҳум. Конститутсия ҳамчун матни иборат аз дебоча, даҳ бобу сад модда, ҳамчун ҳуҷҷати муҳими сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва ҳамчун организми зинда буда, рушду таҳкими ратсионалии минбаъдааш дар таҷрибаи ғании конститутсионализми Тоҷикистон ва муносибати эҷодкорона ба матни Конститутсия дарҷ ёфт.

Бо назардошти ин ҳолатҳо ва ризояти миллӣ 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 май соли 2016 ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироту иловаҳои зарурӣ ворид шуданд. Онҳо, пеш аз ҳама, ба мустаҳкам намудани нақши инсон ва ҳуқуқу озодиҳои он дар давлат, таҳкими ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла ҳокимияти иҷроия, қонунгузор ва судӣ равона шудаанд.

Даҳум. Конститутсия ба нақш ва мавқеи таърихии халқ ҳамчун баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимиятидавлатӣ ва ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ будани раъйпурсии умумихалқӣ ва интихоботбаҳои сазовор дод.

Бо назардошти ин интихоботи мақомоти олии давлатӣ, аз ҷумла интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раъйпурсиҳои минбаъда (1999, 2003 ва 2016) дар доираи муқаррароти Конститутсия баргузор гаштанд. Шаҳрвандони мамлакат дар фазои тинҷию оромӣ Президенти мамлакат ва вакилони мақомоти қонунгузорӣ ва намояндагиро интихоб намуда, тавассути татбиқи ҳуқуқҳои фаъолисиёсиашон ҳокимияти давлатиро ташкил ва ҳуқуқи конститутсионии худро ба интихобот амалӣ намуданд.

Дувоздаҳум. Конститутсияи мамлакат бори нахуст ҳокимияти судиро ҳамчун шохаи баробарҳуқуқи ҳокимияти давлатӣ эълон намуд. Моддаи 19 эълон намуд, ки «ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ дорад. Ҳар шахс ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки парвандаи ӯро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст, баррасӣ намояд.
Ҳеҷ касро бе асоси қонунӣ дастгир, ҳабс кардан мумкин нест. Ҳар шахс аз лаҳзаи дастгир шудан метавонад аз ёрии адвокат истифода кунад».

Сенздаҳум. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ ҷиҳати таъмини ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд оид ба мустақилона муайян намудани муносибати худ ба дин, дар алоҳидагӣ ё дар якҷоягӣ бо дигарон пайравӣ намудан ё накардани дин (моддаи 26), муттаҳид шудан дар иттиҳодияҳои динӣ (моддаи 28) шароити мусоиди сиёсӣ ва ҳуқуқӣ фароҳам овард.

Чордаҳум. Конститутсия, ки ҳуҷҷати муҳими сиёсӣ ва ҳуқуқӣ мебошад, бо хусусияти миллиаш дар баланд бардоштани ҳисси худшиносиву худогоҳӣ ва ҳувияти миллии шаҳрвандон ва шиносонидани онҳо бо бузургони миллат ва таъриху фарҳанг нақши мондагор гузошт. Вазифаи халқи Тоҷикистон дар хусуси «… мо халқи Тоҷикистон дар назди наслҳои гузашта, ҳозира ва оянда масъул ва вазифадорем», ки дар дебочаи Конститутсия омадааст, «Сарватҳои фарҳангӣ ва маънавиро давлат ҳимоя мекунад» (мод. 40), «Ҳифзи…ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ вазифаи ҳар як шахс аст» (моддаи 45) бо дастгириву заҳматҳо ва ҳисси баланди худшиносиву худогоҳӣ ва ҳувияти миллии Пешвои миллат дар замони соҳибистиқлолӣ татбиқи худро ёфтанд ва саҳифаҳои нав ба нави таъриху фарҳанги миллатамон барои халқу миллат боз гардид.

Понздаҳум. Конститутсия эълон намуд, ки асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни

моликият ташкил медиҳанд. Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад.

Шонздаҳум. Конститутсия эълон намудааст, ки Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад (моддаи 1).

Дарозумрии миёнаи аҳолӣ аз 70 сол ба 76,3 сол расидааст. Дар соли 2023 қабул гардидани Стратегияи рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои давраи то соли 2040 ва Барномаи маҷмуии давлатии тайёр намудани кадрҳои низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои давраи то соли 2030 ба рушд ва таҳкими минбаъдаи сиёсати иҷтимоии давлат мусоидат менамояд.

Ҳабдаҳум. Тибқи моддаи 16 Конститутсия «Шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷи мамлакат таҳти ҳимояи давлат мебошанд», ки ин муқаррарот пайваста дар маркази диққати роҳбарияти олии давлат ва Ҳукумат қарор дорад.

Барои ҳифзи муҳоҷирони меҳнатӣ дар қаламрави Русия 5 намояндагии дипломативу консулӣ ва намояндагиҳои вазорату идораҳои марбута ифтитоҳ гардиданд. Мӯҳлати бақайдгирӣ аз 7 то 15 рӯз тамдид шуд. Бо шиносномаҳои биометрии хориҷӣ таъмини муҳоҷирони меҳнатӣ ҳал гардид. Соли 2017 дар Русия «авфи муҳоҷиратӣ» гузаронида шуд. Дар натиҷа беш аз 100 ҳазор шаҳрвандони давлати мо аз рӯйхати ихроҷшудагон аз Русия берун карда шуданд.

Ҳаждаҳум. Тибқи моддаи 36 Конститутсия «Ҳар кас ба манзил ҳуқуқ дорад. Ин ҳуқуқ бо роҳи сохтмони манзили давлатӣ, ҷамъиятӣ, кооперативӣ ва хусусӣ таъмин карда мешавад».

Ҷиҳати татбиқи ин ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандони мамлакат дар замони соҳибистиқлолӣ барои таъмини эҳтиёҷоти аҳолӣ ба заминҳои наздиҳавлигӣ 140 ҳазор гектар заминҳои корам аз гардиши кишоварзӣ бароварда шуда, майдони заминҳои наздиҳавлигӣ дар мамлакат ба андозаи 135 ҳазор гектар, аз ҷумла аз ҳисоби заминҳои обӣ ба андозаи 52 ҳазор гектар зиёд шудааст. Ба зиёда аз 1 миллиону 420 ҳазор оилаи мамлакат барои сохтмони манзили истиқоматӣ замин тақсим карда шуд. Дар маҷмуъ, беш аз 8 миллиону 800 ҳазор нафар сокинони мамлакат шароити истиқоматиашонро беҳтар намудаанд, ки аксари онҳоро оилаҳои ҷавон ташкил медиҳанд. Бо ҳамин, ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандони мамлакат ба манзил амалӣ мешавад.

Ба ҳамин тартиб, имрӯзҳо, ки мо дар арафаи сиюмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорем, бояд мавҷудияти ин санади олии тақдирсози миллатро дар ҳаёти ҷомеа аз ҳар вақта дида, ҳассостар эҳсос намоем. Дар доира ва меҳвари ин санад зистанро омӯзем, меъёрҳо ва муқаррароти онро қоидаи рафтори худ қарор диҳем ва арзишҳои онро чун гавҳараки чашм ҳифз намоем. Онро ҳамчун бузургтарин дастовард, роҳнамо ва пайвандгари наслҳо дар қатори чунин ифтихору сарбаландии инсонӣ ва миллиамон – Ватану миллат, худшиносӣ, худогоҳӣ ва ҳуввияти миллӣ ҷойгузин намоем. Бо такя ба арзишҳои умумибашарию миллӣ, дарки моҳият ва мазмуни созандаю бунёдкоронааш онро як ҷузъи таркибии ғояи миллӣ эътироф намоем.

Эълон гардидани соли 2024 ҳамчун Соли маърифати ҳуқуқӣ ва тавъам донистани он ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо маънои амиқу рамзӣ дорад, балки тадбири муҳими саривақтӣ барои бунёди ҷомеаи мутамаддин, тарбияи шахси комил ва эъмори давлати ободу муосири миллӣ мебошад. Ин тадбири муҳим аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳолест, ки дар замони соҳибистиқлолии кишвар ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардидаанд.

## МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ – ШИНОХТИ ХУДУ УҲДАДОРИҲОИ ХУД

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии мамлакат (28 декабри соли 2023) чунин изҳор доштанд: «Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем». Дар ҳақиқат ин санади олии ҳуқуқӣ, кишвари моро ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд муаррифӣ намуда, заминаи устувори таҳкими низоми ҳуқуқӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ гардид. Аз ин рӯ дар ростои таҷлили Ҷашни 30-солагии Конститутсия таваҷҷуҳи дигарбора ба тақвият бахшидани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон амри муҳиму саривақтӣ ба шумор меравад.